# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Мулоева Нишона Сангмадовна дар мавзӯи “Мавқеъи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизион (дар мисоли шабакаҳои телевизионии “Тоҷикистон” ва “Ҷаҳоннамо”)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ.**

Ҳар як соҳа бо дарназардошти фазову вақт хислати худро тағйир дода, ташаккул меёбад. Яъне, дар раванди иҷтимоӣ пажуҳиш ва мавриди таҳқиқ қарор гирифтани соҳаи муайяни илм аз ҷониби муҳаққиқон боиси густариши соҳа мегардад. Бахусус, таҳқиқоти самтҳои алоҳидаи анҷомёфта дар атрофи мавзуоти муҳимтарини соҳаи журналистика ба монанди жанрҳои журналистика, назарияи публитсистика, таърихи ВАО ва даҳҳо мавзуоти муҳиме, ки донистанашон барои шахсони дар ин соҳа фаъолиятдошта заруранд, имкон додааст, ки майдони ин соҳаи эҷод васеъ гардад.

Агарчӣ пажуҳиш ва таҳқиқоти жанрҳои журналистика махсусан репортаж дар илми журналистикаи тоҷик мавзӯъи нав нест, вале таҳлили тарзи истифодаи жанрҳо дар барномаҳои телевизиониву радио, бахусус барномаҳои иттилоотӣ кам ба назар мерасанд. Махсусан дар замони истиқлолият аз ҷониби пажӯҳишгарон ба таҳлил ва таҳқиқи жанри репортаж дар телевизион кам таваҷҷуҳ шудааст. Аз ин нуқтаи назар диссертатсияи Мулоева Нишона Сангмадовна барои муайян намудани мавқеъи жанри репортаж дар барномаҳои телевизионӣ ва риояи дурусти он нигаронида шудааст. Диссертатсия баёни мантиқӣ дошта, он дар сатҳи зарурии илмӣ таҳия гардидааст ва мазмуну мундариҷаи таҳқиқоти гузаронидашударо дар бар мегирад.

Диссертатсияи Мулоева Нишона Сангмадовна аз муқаддима, ду боб (бо иловаи фаслҳо) ва хулосаву рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Боби якуми ин кор: “Репортаж дар низоми жанрҳои иттилоотӣ” ном гирифта, дар се бахш мафҳум ва махсусияти “репортаж”-ро аз ҷиҳати назариявӣ, дар такя ба сарчашмаҳои илмӣ шарҳ дода, муҳимияти онро муайян кардааст. Афзалияти ин қисмати кор дар он аст, ки диссертант кӯшиш кардааст, то аҳамияти репортаж ва махсусияти онро дар доираҳои таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ пайгирӣ намуда, маълумоти дақиқу муфассал оварад.

Боби дуюми диссертатсия: “Таносуби корбурди жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизионӣ” бо фаслҳои алоҳида мазмуну муҳтавои аслии кори диссертатсияро ташкил медиҳад. Диссертант дар ин

боб барномаҳои иттилоотии телевизион “Тоҷикистон” ва “Ҷаҳоннамо”-ро мавриди таҳлилу барассӣ қарор дода, ба хулосае омадааст, ки дар телевизионҳои мазкур истифода ва корбурди “репортаж” ҳамчун жанр ба таври лозима риоя нагардидааст.

Метавон бо боварӣ гуфт, ки диссертатсия барои доираи журналистони тоҷик падидаи нав арзёбӣ мегардад ва барои доираи донишҷӯён, аспирантон, докторантон ва умумани муҳаққиқони соҳа дар мавриди шинохти жанри репортаж дар телевизион маводи муфид дода метавонад.

Новобаста аз ҷиҳатҳои мусбат, дар диссертатсия баъзе камбудиҳо мавҷуданд: Диссертант зимни таҳлили матолиби телевизионӣ (“Тоҷикистон” ва “Ҷаҳоннамо”) баъзан ба таҳлили ҷузъии ба мавзуъ алоқаманд набуда роҳ додааст. Хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ҳам дар кор ба назар мерасанд, вале онҳо арзиши рисоларо коста намесозанд. Таҳқиқоти анҷомдодаи Мулоева Нишона Сангмадовна аҳамияти баланди илмӣ дорад ва барои сазовор гардидани дараҷаи доктори фалсафа-PhD, аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ арзанда мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илми филологӣ,
Директори Радиои “Тоҷикистон” Обидҷон Саидзода
«22» майи соли 2024.

Суроға: 735100, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ноҳияи Рӯдакӣ, ҷ/д Чоргултаппа,
маҳ. Заркамар № 2, хонаи №86.
Тел.: (+992) 918-45-46-60
E-mail: obid_@mail.ru

РАЕСАТИ КАДРҲО
КУМИТАИ ТЕЛЕВИЗИОН ВА РАДИОИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАЁСАТИ КАДРҲО, ТАЪМИНОТИ ҲУҚУҚӢ ВА КОРГУЗОРӢ *

Имзои Обидҷон Саидзодаро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Кумитаи телевизион ва радиои назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шокирзода М.

Нишони: 734025 ш. Душанбе, кӯчаи Шерозӣ 31
Тел: +992 37 2276569. E-mail: Info@ktr.tj
«22» майи соли 2024.